# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзӯи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ тӯли ду даҳсолаи охир яке аз равандҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятии ҳар як малакат ба шумор меравад. Зеро дар шароити давлатдории миллӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ ҳар як давлат кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии ҷомеаи хешро дар сатҳи зарурӣ амалӣ намояд. Дар ин раванд як қатор давлатҳо ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд. Одатан, он давлатҳое, ки ба масъалаҳои истифодаи технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ, рушди инфрасохтори иттилоотии мамлакат, ташаккулдиҳии ҳукумати электронӣ, сохта ба истифода додани системаҳои иттилоотӣ ва умуман ба масъалаи ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ таваҷҷуҳи зарурӣ додаанд, дар самти таъмини рушду инкишофи ҷомеа ва пешрафти соҳаҳои гуногун дастовардҳои назаррасро соҳиб гардидаанд. Ҷомеаи иттилоотӣ раванди иттилоотонии соҳаҳои гуногуни ҷомеа, аз қабили соҳаҳои иҷтимоиёт, иқтисодиёт, сиёсат ва фарҳангро фаро мегирад. Яъне, дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба амал меояд. Бе шакку шубҳа, мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар баъзе давлатҳо суръати рушду инкишоф хеле баланд ва дар баъзе давлатҳои дигар хеле суст мебошад. Чунин ҳолат низ бо сатҳу сифати истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ алоқамандии зич дорад. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки дар самти ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ ва рушди инфрасохтори иттилоотии мамлакат нақши давлат хеле калон аст. Зеро он давлатҳое, ки ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, барои таъмини рушди бомароми технологияҳои иттилоотӣ барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ қабул кардаанд, ҷиҳати амалишавии онҳо шароити муосид низ фароҳам овардаанд, ки дар ниҳояти кор пешрафти соҳаҳои мамлакатро таъмин кардаанд. Дар шароити муосир истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ махсусан дар соҳаи сиёсат хеле аҳамиятнок гардидааст. Тӯли ду даҳсолаи охир аксари давлатҳои олам дар заминаи истифодаи ТИК ба ташаккулдиҳии ҳукумати электронӣ шурӯъ намудаанд ва дар баъзе аз давлатҳои пешрафтаи олам аллакай ҳукумати электронии ташаккулёфта ба амал оварда шудааст. Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ имкон медиҳанд, ки дар шароити муосир самаранокии системаи идоракунии давлатӣ чандин маротиба баланд бардошта шавад ва пеши

роҳи як қатор падидаҳои манфӣ, аз қабили бюрократизм, коррупсия, маҳалгароӣ ва ғ. гирифта шавад.

Диссертатсияи Таваров Д.С. ба омӯзиши ҳамин масъалаҳо бахшида шуда, дар он дар заминаи таҳлили таҷрибаи давлатҳои пешрафта ва инчунин дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ паҳлуҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ ва раванди ташаккулёбии он мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар шароити Тоҷикистон мавзӯи мазкур хеле муҳим буда, омӯзиши он иқдоми саривақтӣ мебошад. Зеро дар мамлакати мо низ ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ дар ибтидои солҳои 2000 оғоз гардида буд. Махсусан, барои ташаккули ҳукумати электронӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат соли 2011 консепсияи алоҳида низ қабул гардидааст. Аммо ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле ба оҳистагӣ сурат гирифта истодааст. Бо дарназардошти зарурати рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар мамлакат ва муайян намудани монеаҳои дар ин самт мавҷудбуда омӯзиши ин мавзӯъ хеле муҳим ба шумор рафта, барои бартараф намудани монеаҳои мавҷуда ва ҷиҳати таҳқиқу таҳлили ин масъала барои муҳаққиқони оянда заминаи илмию методологӣ фароҳам меоварад.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ кӯшиши намудааст, ки хусусиятҳои муҳими ҷомеаи иттилоотиро нишон диҳад. Ӯ аз уҳдаи ин кор баромадааст. Зеро дар диссертатсияи мазкур на танҳо хусусиятҳои ин навъи ҷомеа, балки заминаҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва мазмуну мундариҷаи он низ баррасӣ гардидаанд. Дар идомаи таҳқиқот на танҳо омилҳои сиёсии ташаккулёбии ин навъи ҷомеа мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд, балки хусусиятҳои муҳими рушду инкишофи ин навъи ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилот ва дурнамои рушди ояндаи он низ баррасӣ гардидаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф тавонистааст, ки адабиёти заруриро истифода намояд. Аксари адабиёти истифодашуда бевосита ба мавзӯи омӯзишӣ тааллуқ доранд. Аз ин рӯ, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки хулосаҳои муаллиф ва натиҷаҳои таҳқиқот эътимоднок мебошанд.

Дар раванди таҳқиқи ин мавзӯъ муаллиф методҳои илмии мувофиқро истифода намудааст. Методҳои илмии истифодашуда барои таҳқиқи масъалаҳои сиёсии марбут ба ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқанд. Дар раванди таҳқиқот методҳои муқоисавӣ, таҳлили системавӣ, функсионалӣ, сохторӣ, типологӣ, таҳлил ва таҷзия ба таври васеъ истифода гардидаанд. Методи таҳлил ва таҷзия имкон додаанд, ки таърифҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, хусусиятҳои бевоситаи онҳо нишон дода шаванд. Истифодаи методи муқоисавӣ барои омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар ин давлатҳо шароити хуби методологӣ фароҳам овард. Методи типологӣ барои муайян намудани навъҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ ва қонуниятҳои рушду иникшофи онҳо хеле мувофиқ ба шумор меравад. Таҳлили системавӣ ва сохторию функсионалӣ барои омӯзиши унсурҳои

таркибии ҷомеаи иттилоотӣ шароити мусоид фароҳам оварда, ба воситаи он таркиби ҷомеаи иттилоотӣ ва тағйирёбии мундариҷаи инфрасохтори иттилоотии мамлакат муайян карда шуд. Инчунин дар раванди таҳқиқот методи диалектикӣ низ истифода гардидааст. Бо ёрии ин метод ҷомеаи иттилоотӣ дар қолаби рушди таърихӣ баррасӣ гардида, занҷираи «ҷомеаи аграрӣ - ҷомеаи саноатӣ - ҷомеаи пасосаноатӣ» ҳамчун қонунияти диалектикӣ дониста шуда, ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун марҳилаи навбатии рушди инсоният муаррифӣ гардидааст.

Дар раванди таҳқиқоти мазкур муаллиф ба консепсияҳои классикӣ ва назарияҳои замони муосир такя намуда, қонуниятҳои рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотиро бо назардошти онҳо муайян намудааст. Дар диссертатсия назарияҳои «постиндустриализм», «ҷомеаи донишгаро», «мавҷи сеюм», «иртиботи оммавӣ», «иқтисоди иттилоотӣ», «ҳукумати электронӣ» ва ғ. ба таври васеъ истифода гардидаанд.

Навоварии таҳқиқотро мушаххасан ба таври зерин нишон додан мумкин аст: муаллиф дар асоси таҳлили консепсияҳои илмӣ зарурати ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотиро асоснок намудааст; дар таҳқиқоти муаллиф заминаҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ муайян карда шуда, нишонаҳои ин марҳилаи рушду инкишоф нишон дода шудааст; нақши аввалиндараҷаи давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шуда, инчунин барои рушди ҳукумати электронӣ зарурати дар сатҳи зарурӣ истифода намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ асоснок гардидааст; хусусиятҳои муҳими раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон нишон дода шуда, мушкилот ва дурнамои рушди он муайян карда шудааст.

Таҳқиқоти мазкур аҳамияти илмию назариявӣ ва амалӣ дорад. Пеш аз ҳама, баррасиҳои муаллиф ва хулосаҳои пешниҳодшуда барои таҳқиқоти минбаъдаи ҷомеаи иттилоотӣ ва рушду инкишофи он заминаи илмию назариявӣ ба шумор меравад. Инчунин, дар асоси таҳлилу таҳқиқи консепсияҳои илмӣ зарурати ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шудааст, ки он барои асоснок намудани дурустии стратегияҳои давлатӣ ва сиёсати иттилоотонии мамлакат аҳамиятнок мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот ва маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, ҷомеашиносӣ ва монанди инҳо метавонанд истифода бурда шаванд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши дигаргуниҳои сифатӣ ва равандҳои сиёсии замони муосир машғуланд, аҳамияти илмию назариявӣ доранд. Инчунин хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ истифода намудан мумкин аст.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар шаш мақолаи илмӣ ва ду маърӯзаи муаллиф инъикос гардидаанд. Инчунин, муаллиф дар фаъолияти педагогии худ низ вобаста ба муҳимияти ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ семинарҳои илмӣ ташкил намудааст.

Дар маҷмӯъ, гуфтан мумкин аст, ки мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои он пурра иҷро гардидаанд. Муаллиф аз ӯҳдаи мустақилона анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромадааст. Саҳми муаллиф дар омода намудани диссертатсия аз он иборат аст, ки ӯ бевосита ба таҳлили адабиёти илмӣ машғул гардида, натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар шакли мақолаҳои илмӣ таҳия намудааст. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, қайд намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзӯи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити суосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) таҳқиқоти илмии мукаммал ва анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя тавсия мегардад. Муаллифи диссертатсия Таваров Д.С. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
директори Маркази табъу нашр,
баргардон ва тарҷумаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон /____________/ Сафарализода Х.Қ.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел. корӣ: 227-74-41
Тел. моб.: 98 812 7383
E-mail: quddusov@mail.ru

Имзои дотсент Сафарализода Х.Қ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ.
Тавқиев Эмомалӣ ____________